“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”

Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,

_______________ Усмонзода А.И.

“__3__” __июни__ 2024 сол

# ХУЛОСАИ

## Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи “Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа дар кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” омода шудааст.

Унвонҷӯ Болтаева Мунира Негматовна соли 2011 факултети филологияи тоҷики МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”-ро аз рӯи ихтисоси филолог, омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2011 ба сифати методисти шубаи ғоибонаи факултети филологияи тоҷик ва сипас аз соли 2018 то ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” фаъолияти хешро идома дода истодааст. Соли 2019 дар кафедраи мазкур ба ҳайси унвонҷӯ (фармоиши №426 аз 26.06.2019) қабул гардидааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Болтаева Мунира Негматовна дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 30.05.2019, протоколи №11 таҳти унвони “Андешаҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ дар осори илмии Бобоҷон Ғафуров ва саҳми ӯ дар рушди илмҳои ҷомеашиносӣ” ва зери роҳбарии номзади илмҳои

фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносии МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Усанов Равшан Тураявич тасдиқ гардида буд. Бинобар сабаби вазъи саломатии дотсент Усанов Р.Т. зарурият пеш омад, ки роҳбари илмӣ ва мавзуи диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна иваз карда шавад.

Шурои олимони МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" масъалаи ивази мавзуъ ва роҳбари илмии Болтаева Мунира Негматовнаро муҳокимаю баррасӣ намуда, 30 июни соли 2022, (протоколи №12) қарор дар бораи тасдиқ намудани мавзуи рисолаи илмии унвонҷӯ Болтаева М.Н. зери унвони "Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа" ва роҳбари илмии ӯ таъйин намудани доктори илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Амирхон Шоҳҳусайн Талбониро қабул намуд.

Унвонҷӯ Болтаева М.Н. имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супорида, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадиро аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (№77) гирифтааст.

Роҳбари илмӣ: Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ - доктори илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи "Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа" дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои умумидонишгоҳии фалсафа ва фарҳангшиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" мавриди муҳокима қарор гирифта, хулосаи зерин қабул карда шуд:

Диссертатсияи Болтаева М.Н. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он

мустақилона ва дар сатҳи зарурӣ иҷро гардидааст. Муаллиф тавонистааст, ки муҳимияти таҳқиқи мавзуро дар замони муосир тавассути далелҳои муътамад исбот намояд. Унвонҷӯ ба маврид қайд менамояд, ки “Дар даврони муосир, ки бо сабаби ҷаҳонишавӣ ва ғарбикунонии тамаддуну фарҳанги ҷаҳонӣ ба давлатҳои миллӣ ва халқу миллатҳои кӯчак хавфу хатари аз даст додани ҳувияти таърихӣ ва миллӣ таҳдид мекунад, масъалаи худшиносии шахсият ва худшиносии гурӯҳии миллӣ рӯз ба рӯз мубрам мегардад”.

Мубрамияти масъалаи худшиносӣ, қабл аз ҳама, бо вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷаҳон ва кишвари мо дар замони муосир муайян карда мешавад. Дар баробари ин, бунёди давлати миллӣ, ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бадастории истиқлолияти давлатӣ идеологияи қаблии шуравиро иваз намуд, имрӯз ба яке аз рукнҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил ёфта, тақозо мекунад, ки дар амалишавии чунин сиёсат тамоми шаҳрвандон ҳиссагузор бошанд. Давлати миллиро бошад, танҳо шахсе тақвият бахшида метавонад, ки худшиносу худогоҳ, шаҳрванди воқеи давлати хеш буда, дигаронро низ ба ҳамин роҳ ҳидоят карда тавонад. Аз ин рӯ, шаҳрвандони мо бояд аз механизмҳои ташакул ва рушди худшиносӣ огоҳӣ дошта, на танҳо худшиносии граждании худро ташаккул дода тавонанд, балки роҳҳои расидан ба худшиносиро дар гуруҳҳои иҷтимоӣ, дар кулли ҷомеа тавассути худшиносии гурӯҳии миллӣ ҳамчун омили муттаҳидкунанда низ хуб дарк намоянд. Таҳлили фалсафӣ- таърихии ин масъала яке аз воситаҳои асосии ҷалби шаҳрвандон ба худшиносӣ буда, амалан барои ташаккул ва рушди шахсияти онҳо хизмат карда метавонад.

Дараҷаи омӯзиши мавзуъ низ дар сатҳи зарурӣ коркард шуда, таҳқиқотҳои анҷомшуда аз замони бостон то асрҳои миёна ва замони муосир истифода гардидаанд. Ин амал боис гардидааст, ки муаллифи диссертатсия ҳам мубрамият ва ҳам таҳқиқталабии мавзуи кори илмии худро дуруст муайян намояд.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои диалектикӣ, синергетикӣ, муқоисавӣ ва методҳои дигари умумиқабулшудаи соҳавӣ ташкил медиҳанд. Бо истифода аз усулҳои зикргардида диссертант тавонистааст, ки таҳлили мантиқӣ ва системавиро ба сомон расонида, ба ҳадафи гузоштаи худ ноил гардад. Ҳамин аст, ки дар диссертатсия навгониҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо мавзуи таҳқиқ ва объекту предмет мувофиқати пурра доранд.

Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллифи он дар раванди таҳқиқ иштироки бевосита дошта, саҳми арзандаи худро гузоштааст. Муайян намудани вазифаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда аз мустақилияти фикрӣ ва қобилияти эҷодии диссертант шаҳодат медиҳанд.

Диссертант дар раванди таҳқиқоти мавзуи таҳқиқшаванда паҳлуҳои мухталифи асосҳои назариявӣ ва амалии ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафаро мавриди таҳқиқ қарор дода, фаҳмиши нав ва тафсиру тавзеҳи муаллифии баъзе аз мафҳумҳои асосии ба мавзуъ дахлдоштаро пешниҳод намуда, дар интишороти илмии худ онҳоро инъикос кардааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Моҳияти худтатбиқшавии иҷтимоии шахс дар фалсафаи муосир// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. –Душанбе, 2023. №3. - С. 222-228.

2. Масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи юнони қадим ва таъсири он ба файласуфони асримиёнагии Ғарб// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. №10. - С.147-154. (ҳаммуаллиф: Амирхон Ш.Т.)

3. Мақоми худшиносӣ дар анъанаҳои фалсафӣ-динии халқи тоҷик// Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. –Душанбе, 2023. №4. - С.188-195.

II. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

4. Баррасии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик// Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ–амалии байналмиллалӣ таҳти унвони "Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ" бахшида ба 75-солагии ДМТ. – Душанбе, 3 октябри соли 2023. -С. 264-270. (ҳаммуаллиф: Амирхон Ш.Т.)

5. Назаре ба мафҳум ва моҳияти худшиносӣ ва худогоҳӣ// Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ–амалии байналмиллалӣ таҳти унвони "Худшиносии миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ" бахшида ба 75-солагии ДМТ. – Душанбе, 3 октябри соли 2023. -С. 319-327 .

6. Худтатбиқшавии иҷтимоӣ дар фалсафаи даврони муосир// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ таҳти унвони "Масъалаи мубрами фалсафаи муосир: мушкилот ва дурнамо". – Душанбе, 2024. -С.190-195.

**Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки дар он аз тарафи муаллиф кӯшиш карда шудааст, то моҳияти ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносиро аз дидгоҳи илмӣ асоснок намояд. Ба таври мушаххас навгониҳои диссертатсия иборатанд аз:**

- таърифи худшиносӣ, ки ҳам аломатҳои худшиносии фардӣ ва ҳам худшиносии гурӯҳиро дар бар мегирад, пешниҳод гардидааст;

- таълимоти файласуфи Юнони Қадим Протагор оид ба худшиносӣ, зиндагинома ва таълимоти файласуфи тоҷик Ибни Сино ҳамчун намунаи олии худшиносӣ ва донишманди ҳиндии муқими ИМА Ш. Прабхупада оид ба худамалисозии иҷтимоии шахсият ба риштаи таҳқиқи фалсафӣ-

таърихӣ кашида шуда, махсусиятҳои таълимоти онҳо нишон дода шудааст;

- таснифоти худшиносӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ба навъҳои худшиносии динӣ, ирфонӣ ва ақлонӣ сурат гирифтааст;

- таҳқиқи масъалаҳои худшиносӣ аз нигоҳи фалсафа, психология, илмҳои наве чун акмеология ва валеология дар пайвастагӣ бо ҳам анҷом дода шудааст;

- ҷанбаҳои амалии худшиносӣ дар мисоли худамалисозии иҷтимоӣ ва механизмҳои он нишон дода шудаанд;

- таносуби мафҳумҳои худшиносӣ ва бегонашавӣ дар асоси таълимоти К. Маркс ва Э. Фром равшан карда шудааст;

- ақидаҳои мутафаккирону муҳаққиқони фалсафа доир ба нақши шахсияти худшинос ва худшиносии гурӯҳиро дар шакли худшиносии миллӣ дар рушди ҷомеа ба доираи таҳқиқоти илмӣ ворид карда шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ андешаҳои дар натиҷаи таҳқиқ ба дастовардаи унвонҷӯ буда, асоснок мебошанд.

Пешниҳоди муаллифи диссертатсия дар мавриди он, ки нуктаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсияро барои коркарди курсҳои махсуси таълимӣ ва лексияҳо оид ба таърихи фалсафа, ахлоқу зебоишиносӣ, сотсиология, психология, диншиносӣ ва ғайра метавон истифода бурд, қобили қабул мебошад. Илова бар ин, аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он хулосаҳои сарчашмаҳо ва таҳқиқоти муосир оид ба худшиносӣ ҷамъоварӣ ва мавриди таҳлили фалсафӣ қарор дода шуда, минбаъд муҳаққиқон дар асоси онҳо метавонанд баррассиҳои илмии масъалаи мавриди назарро идома дода, тавсеа бахшанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот натиҷаҳои таҳқиқот ба воситаи асосҳои назариявию методологии диссертатсия асоснок мебошад. Ҳамчунин

эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар бе зиддиятии мантиқии муҳокимаю хулосабарориҳо, пайдарҳамии фирку андеша, ва равшану возеҳии онҳо буда, истифодаи методҳои илмии истифодашуда бо таҳқиқоти таърихи фалсафа ва инсоншиносӣ ифода меёбад. Муқарраротн асосии таҳқиқотро мақомоти дахлдор метавонанд барои ташаккул ва рушди худшиносии шаҳрвандон ва таҳияи консепсия ва барномаҳо дар ин самт мавриди истифода қарор диҳанд. Маводи дар диссертатсия таҳлил ва ҷамъбастшударо барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ аз фанҳои фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва психология, инчунин курсҳои махсус оид ба ин фанҳо метавон истифода бурд.

Диссертатсяи Болтаева М.Н. дар мавзуи "Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа" кори анҷомёфтаи илмӣ буда, аз рӯи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пурра мувофиқат намуда, аз рӯи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи "Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гурӯҳӣ дар таърихи фалсафа" ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои умумидонишгоҳии фалсафа ва фарҳангшиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба

номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул карда шудааст. Протоколи № 10 аз 31-уми майи соли 2024.

Дар маҷлис 18 нафар, ки аз онҳо 2 нафар аз Донишгоҳи милли Тоҷикистон (номзадони илмҳои фалсафа Давлатов П.Н. ва Раҷабзода Н.М.), 2 доктори илм, профессор, 5 нафар номзадҳои илм, 4 нафар муаллими калон ва 5 нафар муаллим иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “ҷонибдор” - 18 нафар, “зид” - нест, “бетараф” - нест.

**Раиси ҷаласа:**

Мудири кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносӣ, д.и.филологӣ., дотсент Ҷӯраева С.Б.

Мудири кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа, дотсент Ҳасанова З.А.

**Котиби ҷаласа:**

номзади илмҳои фалсафа, дотсент Ишонова С.Р.

Имзои Ҷӯраева С.Б., Ҳасанова З.А. ва Ишонова С.Р. -ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров” Ҳусейнова З.С.

Суроғаи муассиса:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел.: (+992 37) 6-75-18